**Суратмаҷлиси №1**
ҷаласаи шурои диссертатсионии 6D. КОА-069
назди Донишгоҳ давлатии омӯзгории Тоҷикистон
ба номи С.Айнӣ

аз13 сентябри соли 2023 ш. Душанбе

Иштирок доштанд:
аз 15 нафар
аъзои шуро 12 нафар

Пешниҳод шуд, ки ҷаласаи шуро гузаронида шавад. Пешниҳод якдилона ҷонибдорӣ карда шуд.

РӮЗНОМАИ ҶАЛАСА:

Қабул намудани диссертатсияи Сатторов Ҳабибулло Ҷабборович дар мавзӯи “Мақоми Азизуддини Насафӣ дар ташаккули насри ирфонии адабиёти форсу тоҷик (масъалаҳои сарчашмашиносӣ ва поэтика)” барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология аз рӯи ихтисоси 10.01.08 – Назарияи адабиёт. Манштносӣ, нусхашиносӣ (роҳбари илмӣ: доктори илми филология, профессор Қурбонзода Р.Қ.) ба экспертизаи аввалия ва таъйин намудани комиссияи экспертӣ.

**ШУНИДА ШУД:**

Ахбори раиси шурои диссертатсионӣ, д.и.ф., профессор Салихов Ш.А. дар бораи ворид гардидани ариза, ҳуҷҷатҳо ва диссертатсияи Сатторов Ҳабибулло Ҷабборович ба шурои диссертатсионӣ. Аз сабаби он ки роҳбари илмии унвонҷӯ ҳамзамон котиби илмии шурои диссертатсионӣ мебошад, барои баррасӣ ва ҳимояи минбаъда вазифаи котиби илмӣ бар души аъзои шуро н.и.ф., дотсент Қосимӣ Саъдӣ Абдулқодир вогузор карда шавад.

**БАРОМАД КАРД:**

Иҷрокунандаи вазифаи котиби илмии шурои диссертатсионӣ, н.и.ф., дотсент Қосимӣ С.А. маълумот дод, ки ҳуҷҷатҳо, автореферат (бо забонҳои

тоҷикӣ ва русӣ) ва диссертатсияи ба шурои диссертатсионӣ пешниҳоднамудаи Сатторов Ҳабибулло Ҷабборович ба талаботи Низомномаи шурои диссертатсионии Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ гардидаанд, ҷавобгӯ мебошанд.

Бинобар ин, барои қабул намудани диссертатсияи мазкур ба экспертизаи аввалия ягон монеа вуҷуд надорад.

**ҚАРОР КАРДА ШУД:**

1. Диссертатсияи Сатторов Ҳабибулло Ҷабборович дар мавзӯи "Мақоми Азизуддини Насафӣ дар ташаккули насри ирфонии адабиёти форсу тоҷик(масъалаҳои сарчашмашиносӣ ва поэтика)" барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология аз рӯи ихтисоси 10.01.08 – Назарияи адабиёт. Матншиносӣ, нусхашиносӣ ба экспертизаи аввалия қабул карда шавад.

2. Комиссияи экспертӣ дар ҳайати зерин таъйин карда шавад:
- **Казакова У.С**. - доктори илми филология, профессор, раиси комиссияи экспертӣ;
- **Муллоев А. -** доктори илми филология, профессор, аъзои комиссияи экспертӣ;
- **Саидҷаъфаров О.Ш. -** доктори илми филология, профессор, аъзои комиссияи экспертӣ.

**Қарор бо овоздиҳии ошкоро якдилона қабул карда шуд.**

Раиси шурои диссертатсионӣ,
доктори илми филология,
профессор — Салихов Ш.А.

И.в. котиби илмии шурои
диссертатсионӣ, дотсент — Қосимӣ С.А.